Хонаҳои худро монанди қабристон насозед, қабри маро ҷашнгоҳ қарор надиҳед, бар ман дуруд бифиристед, зеро дуруди шумо ҳар ҷое бошед ба ман мерасад

Аз Абуҳурайра (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Хонаҳои худро монанди қабристон насозед, қабри маро ҷашнгоҳ қарор надиҳед, бар ман дуруд бифиристед, зеро дуруди шумо ҳар ҷое бошед ба ман мерасад".

[Ҳасан] [رواه أبو داود]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аз маҳрум сохтани хонаҳо аз намоз, ба монанди қабристон, ки наметавон дар он намоз гузошт, наҳӣ фармуданд. Паёмбари Худо ба таври ҳамешагӣ зиёрати қабри худ ва ҷамъ шудан ба шакли мунтазам назди онро наҳӣ фармуданд, зеро он василае ба сӯи ширк аст, ва ӯ (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) амр фармудаанд, ки дар ҳар ҷое аз курраи замин бошед барояш дуруд бифиристед, зеро дуруди шумо чи аз дур ва чи аз наздик барояш яксон мерасад ва ниёз ба зиёрати ҳамешагии оромгоҳ ӯ (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) нест.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3350